124202 - Ҳукми истифодаи дорупошаки бинӣ барои рӯзадор

савол

Ҳукми истифодаи дорупошаки бинӣ дар рӯза чист?

Ҷавоби муфассал

Ҳамду сано барои Аллоҳ.

"Дар ҳолатҳои зарурӣ ҳеҷ боке надорад, аммо агар имконияти ба таъхир андохтан он то шаб вуҷуд дошта бошад, ин кор эҳтиётноктар аст". Поёни сухан.

Шайх Абдулазиз ибни Боз (раҳмати Аллоҳ бар ӯ бод).

"Маҷмуъу фатово"-и Шайх Ибни Боз (15/264).

Дар қарори "Маҷмаъу-л-фиққи-л-исломӣ" омадааст:

"Умури зерин аз шиканандаҳои рӯза ба ҳисоб намеравад: ... қатраи чашм, қатраи гӯш, шустани гӯш, қатраи бинӣ ва дорупошаки бинӣ, агар аз фурӯ бурдани чизе, ки ба ҳалқ мерасад, парҳез кунад". Поёни сухан.

"Маҷаллату-л-маҷмаъ" (10/2/454).

Аллоҳ донотар аст.